# Илм ва Техника

№7(25)
октябри
2024

Маҷаллаи илмӣ-техникӣ барои ҷавонон ва наврасони Тоҷикистон



i-tech.tj



*«Меҳргон дар баробари ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Тиргон аз ҷумлаи ойинҳои куҳантарини аҷдоди мо ба ҳисоб меравад.*

*Меҳргон дар масири таърихи чандинҳазорсолаи худ ҳамчун ойини воқеан табииву мардумӣ, тантанаи заҳмати кишоварзон ва таҷассумгари армонҳои неки созандаву ободгаронаи инсон тавонистааст, ки моҳият ва рисолати аслии хешро ҳифз намояд».*

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***

## ДАР ИН ШУМОРА:


10► Маърифати ҳуқуқӣ - наврасон бояд чиро донанд?

16► Бо мо бисозед: Калонтар дидани ашё

22► Почему мало людей выбирают профессию аниматора?

24► Мусиқӣ ва математика – дӯстони пинҳонӣ.

# КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАХШИДА БА 60 - СОЛАГИИ ИНСТИТУТИ ФИЗИКАЮ ТЕХНИКА

11 октябр бо ташаббуси Институти Физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 60-солагии Институт дар толори маҷлисии Меҳмонхонаи Румӣ баргузор гардид.



Дар конференсияи мазкур президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, олимону академикони институти мазкур ва меҳмонон аз Россия, Ӯзбекистон ва дигар манотиқи ИДМ иштирок доштанд.

Ба кори конфронс директори Институт Зарифзода Афзалшоҳ Қаҳрамон – доктори илмҳои физикаю математика ҳусни оғоз бахшида, сухани муқаддимавиро ба президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт доданд. Мавсуф сараввал меҳмононро, ки аз дохил ва хориҷи кишвар ташриф оварда буданд, хайрамақдам гуфта, аз таърих ва дастовардҳои институт ёдовар шуд.





# МУЛОҚОТ БО МЕНЕҶЕРИ КАЛОНИ БАРНОМАҲОИ ИТТИҲОДИЯИ АВРУПО ФИЛИП ҶЕФРОЙ

11 октябри соли равон мулоқоти президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт бо Филип Ҷефрой, менеҷери калони барномаҳои Иттиҳодияи Аврупо дар Маркази байналмилалии илмию техникӣ баргузор гардид. Зимни мулоқот доктор Филип Ҷефрой менеҷери калони барномаҳои Иттиҳодияи Аврупо дар Маркази байналмилалии илмию техникӣ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахтро бо лоиҳаи Маркази байналмилалии илмию техникӣ, ки аз ҷониби Иттиҳодияи Аврупо маблағгузорӣ мешавад, таҳти унвони Системаи мониторинги моддаҳои радиактивӣ дар обҳои Осиёи Марказӣ (WRHSM2 – Central Asia) шинос намуд.

# ДАР МИКРОВОЛНОВКА ГАРМ КАРДА ХӮРДАНИ ХӮРОК БА САЛОМАТӢ ЗАРАРДОРАД Ё НЕ?



Ҷӯраҳо Илм ва Техника маслиҳат карда буданд, ки баъд аз дарс ба тамошои футбол мераванд. Дастаҳои дӯстдоштаашон ин бегоҳ байни ҳам бозӣ мекунанд. Илм интизори омадани дӯсташ дар назди бинои мактаб меистод, ки Техника омад.

-Салом, ҷӯра.

-Салом, Техника.

-Ту чӣ хел? Хонданҳоят хубанд?

-Хонданҳоям хуб. Аз фанни физика баҳои 5 гирифтам.

-Ту баҳои 5 гирифтию ман баҳои 1, - хандида гуфт Техника.

-Супориши хонагиро тайёр накардӣ?

-Аз хотирам фаромӯш шудааст.

-Хуб накардӣ, ин дафъа ман худам ба ту занг зада, хотиррасон мекунам.

-Метарсам, ки падарам сарзаниш накунанд.

-Ҳеҷ гап не, дар Олмон баҳои аз ҳама баландтарин 1 аст, - дӯсташро тасалло дода гуфт Илм.

-Меравем, Илм?

-Аввал ягон чӣ хурем? Ман сахт гурусна.

-Биё, ба ягон қаҳвахона даромада бургер мехурем.

-Ба хонаи мо равем-чӣ? – гуфт Илм.

-Бургер беҳтар-ку.

-Аввалаш ин ки ман пули бисёр надорам. Дуюмаш ин, ки хӯроки тезтайёр ба дилат назад? Шикамат варам мекунаду сер шуданатро ҳам намефаҳмию хаста мешавӣ ва хобат омадан мегирад. Рӯз барои хоб не-ку. Одам бояд баъзе корҳояшро ичро бикунад. Ба саломатӣ он қадар фоида ҳам надорад. Беҳтараш ба хона меравем.

-Пули падаратдодаро чӣ кор мекунӣ?

-Ҷамъ карда монам, ягон рӯз ягон чизи даркорӣ мехарам. Гуфтам-ку, он қадар пули бисёр не. Модари ман манту пухтаанд. Биё, рафтем.

Техника, ки мантуро дӯст медошт, розӣ шуд. Онҳо ба хонаи Илм омаданд. Ба хона ворид шуда, дасташонро шустанду ба ошхона даромаданд. Илм аз яхдон косаеро гирифту ба микровалновка гузошт.

-Ана, ҳозир мантуи мо гарм мешавад.

Техника баъди хӯрокро ба даруни микроволновка гузоштани Илм, кунҷкобона ба он нигоҳ карду пурсид:

-Илм, микроволновка аслан хӯрокро гарм мекунад ва ё фақат коса гарм мешавад? Баъзан падарам шӯхӣ карда мегӯянд, ки хӯроки хунукро дар косаи гарм мехӯранд.

- Хӯрок дар микроволновка гарм мешавад, - гуфт Илм. - Он хӯрокро ба воситаи мавҷҳои хурде, ки шакли электромагнитӣ доранд, гарм мекунад.

***Микроволновка ба ин тарз кор мекунад:** дар дохили микроволновка магнетрон ҷойгир аст – дастгоҳе, ки микромавҷҳоро истеҳсол мекунад. Вақте ту, микроволновкаро пахш мекунӣ, микромавҷҳо дар дохили тафдон паҳн шуда, ба дохили хӯрок ворид мешаванд. Онҳо ба ғайр аз метал ба аксари чизҳо мегузаранд. Баъд, онҳо ба молекулаҳои об таъсир мерасонанд ва он молекулаҳо зудтар ҳаракат мекунанд, ки он боиси ҷудо шудани гармӣ мегардад. Гармии истеҳсолкардаи молекулаҳои об ба молекулаҳои дигари хӯрок интиқол меёбад ва ба ҳамин тарз хӯроки мо гарм мешавад. Барои он ки хӯроки мо нағз гарм шавад, аксари микроволновкаҳо бо лаъличаи даврзананда ва ё механизми гардишӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Ҳамин тариқ, бо истифодаи мавҷҳои электромагнитӣ мо хӯроки гармро мехӯрем.*



-Он ба саломатии одам зарар надорад?

-Тадқиқотҳои илмӣ нишон додаанд, ки гарм кардани хӯрок ба воситаи микроволновка безарар аст, агар ба қоидаҳои безарарӣ риоя бикунӣ. Микромавҷҳое, ки дар микроволновкаҳо истифода мешаванд, молекулаҳоро ба заррачаҳои хурди атомӣ ҷудо намекунанд ва зарари х cell-ро ба вуҷуд намеоранд, чунон ки ин корро рентген ва ё нурҳои ултрафиолетӣ мекунанд. Баъзе тадқиқотҳо ҳатто нишон додаанд, ки коркарди микромавҷҳо метавонад фоиданокии маводи ғизоиро дар хӯрок нигоҳ дорад, чунки фосилаи пухтан дар микроволновка кам аст. Сонӣ, набояд фаромӯш кард, ки хӯрокро дар микроволновка бояд дар зарфи махсус гарм кард, зеро баъзе зарфҳои пластикӣ дар вақти гарм шудан аз худ моддаҳои зараровардро хориҷ мекунанд.

-Ин қадар чизро аз куҷо медонӣ? Ба фикрам ту шабу рӯз китоб мехонӣ?

-Шабу рӯз нею, мехонам. Ҳама чизро донистан мехоҳам. Шояд яке ягон рӯз ману ту ҳам ягон ашёи нодирро ихтироъ мекунем. Ту идеяҳои аҷоиб дорӣ-ку. Техника!

-Дирӯз ман гуфтам, ки мехоҳам чизе ихтироъ бикунам, ки фикри одамро нависад, ҳама ба ман хандиданд.

-Ҳаминаш намерасид, - гуфт амакам.

-Ин фикри аҷоиб-ку, ҷӯра.

-Ба каллаи ту барин танбалҳо ҳар чӣ омадан мегирад, - таъна заданд маро.

-Ҳама чизе, ки ҳозир ихтироъ шудааст, пеш аз ҳама ба фикри одам омадааст. Ба ҳоли он олимон низ дигарон хандидаанд, аммо бин, имрӯз чӣ гуна тағйиротҳо ҳаст. Ба туфайли чунин фикрҳои олимон зиндагии одамон аз асрҳову солҳои пеш хеле осон гардидааст.

-Худи ҳамин микроволновкаи ту барин. Аслан онро кӣ сохтааст, медонӣ?

-Чаро не? Онро муҳандиси амрикоӣ Перси Спенсер соли 1945 ихтироъ кардааст. Вай дар ширкати Raytheon кор мекард ва тасодуфан фаҳмид, ки микромавҷҳо метавонанд хӯрокро гарм бикунанд. Ҳангоми кор карданаш бо магнетронҳо – дастгоҳе, ки микромавҷҳоро тавлид мекунад, тахташокаладӣ дар киссааш буда об шуд. Вай аз ин илҳом гирифту аввалин микроволновкаро ихтироъ намуд ва он бо номи “Radarange” ба фурӯш бароварда шуд. Аммо моделҳои аввалини он хеле калон ва гарон буданд, лекин бо мурури вақт технологияҳо беҳтар шуданду он ба ҳама дастрас гардид.

-Ана, мантуи мо ҳам гарм шуд, - садои огоҳкунандаи микроволновкаро шунида гуфт Техника.

Баъде, ки онҳо мантуро хӯрда шуданд, Техника гуфт:

-Медонӣ, ҷӯра. Як бор ман чӣ кор карда будам?

-Нақл накарда бошӣ, аз куҷо донам?

-Як бор аз мактаб сахт гурусна монда омадаму ҳарчӣ тезтар пазад гуфта, ба микроволновка тухмро мондам. Як дақиқа нагузашта аз он чунон садои баланд баромад, ки аз тарс дарак-дарак ларзидам. Мисле, ки бомба кафиду таркиш рух дод.



-Ту чӣ, намедонистӣ, ки чизҳои пӯстдор, аз ҷумла тухмро дар микроволновка мондан мумкин нест?

-Не, намедонистам.

-Мисле, ки ҳаво дар даруни он бухор шуда бошад, таркиш рух медиҳад, барои ҳамин мумкин нест. Лекин дар пакети махсус чунин “таркиш”-ро истифода бурда, дар микроволновка попкорнро тайёр кардан мумкин аст. Попкорн онҷунон бамазза мешавад, ки... – оби даҳонашро фурӯ бурда гуфт Илм.

-Рафтем, аз роҳ попкорн мехарему ба футбол меравем...

Матлуба Мирзоғайбулло



# ДИДОРИ ГАРМ



Оҳиста-оҳиста қадамзанон ба бинои мактаб-интернати санатории №40, шаҳри Конибодом дохил шудам. Ростӣ, аслан намедонистам, ки дар ин мактаб киҳо таълиму тарбия мегиранд ва зиндагӣ мекунанд. Аммо дар иҳотаи дарахтони сарсабз мавҷуд будани бинои мактаб шукӯҳи онро бештар мегардонад. Ба бино ворид шудаму ҳама ҷойро тозаву озода дидам. Ба назарам масоҳати мактаб хеле калон намуд. Аз нигоҳи аввал маълум, ки масъулин заҳмат мекашанд. Бӯйи хуши гулҳое, ки дар қади роҳ буданд, ба машом мерасиданд. Ба бинои асосии мактаб ворид шудаму пеш аз ҳама чашмонам ба реҷаи рӯзи хонандаҳо афтод. Ба он нигоҳ кардам. Аввалин чизе, ки мехостам донам: оё мактаббачаҳои ин боргоҳ бо хӯрок пурра





таъминанд? Дастпарварони ин ҷой бо хӯроки панҷвақта таъмин ҳастанд? Оҳи сабук кашидам. Ин аввалин чизе, ки ҳар яки мо ҳам барои фарзандони худу ҳам барои дигар кӯдакон мехоҳем. Низоми зиндагӣ дар чунин муассисаҳо дигаргуна аст, зеро аксари онҳое, ки дар мактаб-интернатҳо таҳсил мекунанд, афсӯс, ки бе сарпаноҳу бе волидайн мондаанд. То имрӯз аз ҳаёти чанде аз мактаб-интернатҳо мавод омода кардам, барои аҳволпурсӣ ба он ҷойҳо рафтаву аз зиндагии онҳо огоҳ мешавам. Ва хушбахтона, дар ҳамаи он муассисаҳо ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳсос карда мешавад.

Чанд қадам гузошта будам, ки садои омӯзгорон аз синфхонаҳо баромад. Маълум, ки хонандаҳо дарс мехонанд. Хурсандие вуҷудамро фаро гирифт: дастпарварони ин боргоҳ бо таълиму тарбия низ фарогиранд. Ба чанд синфхонаҳо ворид шудем. Хонандаҳо аҷаб боодобу батамкинанд. Ҳар гоҳе, ки ба чунин мактабҳо меравам, беихтиёр ба чашмони хонандаҳо менигарам. Баъзан ба худ суол медиҳам, ки аз умқи чашмони онҳо чиро ҷустуҷӯ мекунам? Мехоҳам донам, ки оё онҳо аз зиндагияшон дар мактаб розиянд? Оё муҳити ин ҷо ба муҳити оила монанд аст ё не?

Чашмони хонандаҳо дурахши аҷибе доштанд. “Пас, маълум мешавад, ки зиндагии онҳо дар ин ҷо хуб аст”, аз дил гузаронидам ва аз масъуле пурсидам:

-Самти таълиму тарбияи хонандаҳо чӣ гунаанд?

-Дар ин ҷо асосан хонандаҳое, ки бо пайвандони бемори худ дар тамос буданд, таълим ва табобат мегиранд.

Пас, барои ҳамин бинои ин мактаб дар макони сохта шуда будааст, ки фазои хушояинду боғи зебое дорад, зеро барои онҳо сайру гашт дар ҳавои тоза бениҳоят муҳим аст.

Мактаб-интернати санатории №40, шаҳри Конибодом соли 1970 сохта ба истифода дода шуда буд. Аслан, мактаб барои 250-нафар хонанда пешбинӣ шуда, аз се бино иборат аст. Масоҳати умумии мактаб 4,66 га мебошад.

Айни ҳол дар ин ҷо 86-нафар таълиму табобат мегиранд, ки аз онҳо 30-нафар духтар мебошанд.



Бо директори мактаб-интернат Шеринҷон Охунова дар ҳар бобат суҳбат кардем. Дар симои ӯ нафареро дидам, ки ҳастияшро барои дастпарварони ин макон бахшидааст. Дар ҳар суханаш, дар ҳар амалаш эҳсос карда мешавад, ки барои беҳтар намудани таълиму тарбияи хонандаҳо кӯшишу талош мекунад. Ӯ дастпарварони ин маконро "Бачаҳои ман" гӯён ном мебарад ва аз оҳанги суханронияш эҳсос карда мешавад, ки нисбати онҳо чӣ қадар меҳру муҳаббат дорад. Фикр мекунам, ҳамин садоқат ба кӯдакон, вафодорӣ ба касби интихобкардааш буд, ки тайи 31-сол дар ҳамин соҳа фаъолият мебарад. Ӯ ончунон ба онҳо дил бастааст, ки дарди онҳоро дарди худу зиндагии онҳоро зиндагии худ медонад. Агар нафаре нисбат ба фарзандони вай ягон сухани ноҷое гӯяд, қаҳраш меояд, зеро фикр мекунад, ки "бачаҳои ӯ аз ҳамаи бачаҳои дигар беҳтару азизтаранд".




Шеринҷон Охунова гуфт, ки хонандаҳо бо роҳхати духтурон аксаран ду сол дар ин ҷо табобат мегиранд ва баъди сиҳат шуданашон ба мактабҳои ба хонаашон наздик мераванд. Дар ин фосила аз рӯзи душанбе то ҷумъа пурра дар мактаб зиндагӣ мекунанд. Рӯзҳои истироҳатро дар хонаҳояшон мегузаронанд.

Духтурон ва чор ҳамшираҳои шафқат шабонарӯзӣ пайваста аз аҳволашон хабар мегиранд. Ҳамеша муоина мекунанд. Он рӯзе, ки ман ба мактаб-интернат рафтам, духтур аллакай омада хонандаҳоро аз муоина гузаронида буд.

Ман намегӯям, ки хонандаҳои ин мактаб дар қасри бошукӯҳ зиндагӣ мекунанд, аммо



**мегӯям, ки онҳо дар муҳити орому фазои хушоянд марҳилаи на чандон осони зиндагияшонро мегузаронанд. Аксаран ҳатто намедонанд, ки дар вуҷудашон беморие ҳаст, зеро омӯзгорону мураббияҳо кӯшиш мекунанд, ки онҳо хушу хурсанд бошанду рӯҳафтода нашаванд. Маҳз ҳамин мактаб шӯълаяки умедро дар дили онҳо фурӯзон нигоҳ медорад, то онҳо солим гардانду зиндагияшонро мисли ҳама давом диҳанд. Шеринҷон Охунова ва 15 нафар омӯзгору мураббия, ки аз онҳо 6 нафар мард мебошанд, барои беҳбудии зиндагӣ, таълиму тарбия ва табобати ҳамаҷонибаи хонандаҳо меҳнат мекунанд. 4 нафар доя мисли модар шабзиндадорӣ карда, мисле, хоби кӯдаконро низ бонӣ мекунанд, то онҳо шабона низ осуда бошанду бароҳат хоб раванд. Онҳо дунафарӣ ҳар шаб бо навбат кор мекунанд.**

**Дар мактаб барномаи таълимӣ пурра татбиқ карда мешавад, мутахассисони соҳа кору фаъолият мекунанд. Ба ҳамаи фанҳо омӯзгорон ҳастанд. Барои беҳтар намудани сифати таълим 21 компютер, 1 доскаи электронӣ мавҷуд аст. Мудири хоҷагӣ Сановбар Раҳимова мебошад, ки 42 сол инҷониб дар ин муассиса фаъолият мебарад. Ӯ кори худро аз ошпазӣ оғоз намуда, ҳамеша ғамхору меҳрубони бачаҳо мебошад.**

**Муовини таълим Умеда Сатторова аст. Ӯ омӯзгори ҷавон буда, аз ҷумлаи муаллимони фаъоли ин боргоҳ мебошад.**

**Дар мактаб 5-маҳфил амал мекунад: – “Рӯзгордорӣ”, “Рассомӣ”, “Варзишгарон”, “Таърихчиёни ҷавон” ва “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”.**




**Соли 2022 – хонадаи синфи 9 Зарринахон Деҳқонова дар марҳилаи вилоятии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ҷойи сеюмро ишғол кард.**

**Таъминоти мактаб пурра аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Масъулин маблағи лозимиро ҳам барои хӯроку ҳам барои доруворӣ саривақт мегузаронанд. *Агар яке ягон саховатманд ҳиммат бикунаду ба мактаб дару тирезаҳои пластикӣ шинонанд, боз хубтар мешуд, зеро фасли зимистон наздик ҳасту биноҳо гармтар шаванд, шароити зисти хонандаҳо беҳтар мегардад.***

**Вақте бо ҳама хайрухуш карда, аз мактаб-интернат баромадам, аз дил гузаронидам, ки ба паси худ нигарам ё не? Ба ин ҷо боз биёям ё не? Баъди лаҳзае аз дил гузаронидам. “Албатта меоям. Аммо мехоҳам бо он баҳонае биёям, ки шароити аз ин ҳам хубтарро инъикос намоям, муваффақиятҳои хонандаҳо ва дастовардҳои назарраси онҳоро сифат бикунам. Бошад, ки чунин шавад...**

**Матлуба Мирзоғайбулло**



# АБӮСАҲЛИ МАСЕҲӢ ВА ТИББИ ШАРҚ

Абӯсаҳли Масеҳӣ табиб, астроном, файласуф, риёзидон ва шоири Табаристонӣ аст, ки зодгоҳи ӯро дар сарчашмаҳо Ҷурҷон ва соли таваллудашро тақрибан соли 970 қайд кардаанд. Ин донишманди асри IX-XI, инчунин, дар адабу ҳикмат ва хушнависӣ низ даст доштааст. Олим ва шоири бузург Абӯалӣ ибни Сино аз пайравону шогирдони Абӯсаҳл аст, ки ҳатто баъзе китобҳои худро ба номи ин олими бузург бахшидааст ва таҷрибаҳои ӯро дар китоби "Ал-Қонун" истифода бурдааст.

Овозаву шуҳрати илму амали Абӯсаҳли Масеҳӣ то ба самъи малики Хоразмшоҳ- Абулаббоси Маъмун бинни Муҳаммад расид ва ин подшоҳи



ҳунарпарвар ӯро ба дарбор даъват намуд, ки дар фосилаи хидмат дар ин дарбор  ин олими пуркор донишу таҷрибаи хешро рушд дод ва дар ин даврон асари худ -"Китоб –ут-таъбир"-ро иншо намуд, ки ба номи ин султон эҳдо гардида буд.

Аз ҷумла, Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар "Чаҳор мақола"-и худ номи ин олими бузургро дар радифи донишмандони дигар зикр намудааст: "Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳӣ вазире дошт номи ӯ Абулҳусайн Аҳмад бинни Муҳаммади Суҳайлӣ, марде ҳакимтабъу каримнафс ва фозилу Хоразмшоҳ, ҳамчунин ҳакимтабъу фозилдӯст буд ва ба сабаби эшон чандин ҳакиму фозил бар он даргоҳ ҷамъ шуда буданд, чун Абӯали Сино ва Абӯсаҳли Масеҳӣ ва Абулхайри Хаммору Абӯрайҳони Берунӣ ва Абӯнасри Ироқӣ, аммо Абӯнасри Ироқӣ бародарзодаи Хоразмшоҳ буд ва дар илми риёзӣ ва анвоъи он сонии Батлимус ва Абулхайри Хаммор дар тибби солис Буқрот ва Ҷолинус буд ва Абӯрайҳон дар нуҷум ба ҷои Абумаъшир ва Аҳмад бинни Абдулхалил буд ва Абӯалии Сино ва Абӯсаҳли Масеҳӣ халафи Аристотелис буданд ва дар ҳикмат, ки шомил аст ҳама улумро...". Инчунин санадҳои зиёде дар сарчашмаҳо дар бораи дӯстиву ҳамкории ин гурӯҳи олимон ва саҳми онҳо дар рушди улуми дақиқ қайд шудааст, ки мутаассифона ин сарҷамъии онҳо дар он дарбор дер напойидааст.

Осори ӯ китобе шомили сад мақолаи пурмуҳтаво дар соҳаи тиброро дарбар мегирад, ки бобҳои он дар хусуси саноат, амрози умумӣ ва амрози хусусӣ ва соҳаҳои дигар илми тиб мебошанд. Инчунин китобу мақолоти зиёде дар соҳаи тиббу риёзиёт ба табъ расонида буд. Аз гуфторҳои маъруфи ин пизишк чун дастури табибони замонҳои гуногун то ба имрӯз аз аҳмият холӣ нест. Яке аз чунин гуфторҳо ин аст, ки мегӯяд: "...Беморонро ба рӯз хоби кӯтоҳ пас аз таом беҳтар аз доруи судманд аст...". яъне фоидаи хоби нисфирӯзӣ, ки имрӯзҳо низ дар реҷаи рӯзи беморон дар беморхонаҳо муқаррар кардаанд, низ аз дастурҳои ин олими тавоно аст.

Соли вафоти Абӯсаҳли Масеҳиро ба соли 1010 яъне дар чиҳилсолагӣ мансуб донистаанд, ки ҳангоми фирори ӯ аз Хоразм дар биёбони миёни Хоразм ва Гургон рух дода буд, ки низ ҳамон ҷо дафн шудааст.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ НАВРАСОН БОЯД ЧИРО ДОНАНД?

*Маърифати ҳуқуқӣ, ё худ маърифат дар бораи ҳуқуқ, яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти инсонӣ мебошад, ки бояд ҳар як шаҳрванд, хусусан, наврасон ва донишҷӯён, хуб дарк кунанд. Он на танҳо дар бораи дониш доштан дар соҳаи қонунҳои кишвар аст, балки аз фаҳмиш ва эҳтиром ба ҳуқуқи шахсӣ ва ҳуқуқи дигарон низ иборат аст.*

## МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ЧИСТ?

**Маърифати ҳуқуқӣ ин дониш ва фаҳмиш дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои инсон дар ҷомеа мебошад. Ҳар як инсон дар ҷомеа ҳуқуқ дорад, ки амнияти шахсӣ, таълим, ҳифзи саломатӣ ва шароити бехтарро талаб кунад. Аммо ин ҳуқуқҳо танҳо як ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ мебошанд. Вақте ки инсон фаҳмад, ки ӯ дар як вақт на танҳо ҳуқуқ дорад, балки вазифаҳое низ дорад, пас маърифати ҳуқуқии ӯ комилтар мегардад.**




## ЧАРО МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ МУҲИМ АСТ?

**1. Ҳимояи ҳуқуқи шахсӣ: Дарк кардани ҳуқуқи худ ба шахс кӯмак мекунад, ки ҳангоми дучор шудан бо мушкилоти ҳуқуқӣ, боэҳтиёт амал кунад ва ҳуқуқи худро ҳимоя кунад.**

**2. Пешгирии қонуншиканиҳо: Одамоне, ки аз қонунҳои кишвар ва қоидаҳои ҷомеа огоҳӣ доранд, камтар ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, маърифати ҳуқуқӣ ба тартиб ва амнияти ҷомеа низ саҳм мегузорад.**

**3. Саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа: Шахсони ҳуқуқдон метавонанд ба ҷомеа бо иштирок дар муҳокимаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ саҳм гузоранд. Онҳо медонанд, ки чӣ гуна бояд амал кунанд ва аз кӣ ҳуқуқи худро талаб кунанд.**

## ЧИРО БОЯД ДАР БОРАИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДОНИСТ?

1. **Ҳуқуқи асосии инсон:** Наврасон ва донишҷӯён бояд аз аввалиндараҷа будани ҳуқуқи инсон дар ҷомеа огоҳ бошанд. Ин ҳуқуқ ба ҳар як шахс кафолат дода шудаанд, новобаста аз синну сол, миллат ва ё ҷинс. Масалан, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба озодӣ ва баробарӣ.

2. **Вазифаҳои шаҳрвандӣ:** Як қисми муҳимтарини маърифати ҳуқуқӣ ин донистани вазифаҳои худ ҳамчун шаҳрванд аст. Ин аз эҳтиром ба қонунҳо, риояи ҳуқуқи дигарон ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ иборат аст.

3. **Манбаҳои ҳуқуқӣ:** Наврасон ва донишҷӯён бояд донанд, ки қонунҳои давлат дар Конститутсияи кишвар сабт шудаанд. Ғайр аз ин, қонунҳои дигаре низ ҳастанд, ки ба қоидаҳои нақлиёт, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва муҳофизати муҳит дахл доранд.

4. **Маълумот ва ёрии ҳуқуқӣ:** Агар шахс дар масъалаҳои ҳуқуқӣ душворӣ кашад, муҳим аст, ки ӯ донанд ба куҷо муроҷиат кардан мумкин аст. Дар кишварҳои демократӣ хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дастрас буда, бисёр ташкилотҳо ройгон ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд.



*Хулоса, маърифати ҳуқуқӣ барои ҳар як шахс муҳим аст, хусусан барои ҷавонон, ки дар оянда ба як ҷомеаи адолатпарвар табдил хоҳанд ёфт. Огоҳии ҳуқуқӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки худро ҳимоя кунанд, ҳуқуқи дигаронро эҳтиром кунанд ва дар рушди ҷомеа саҳмгузор бошанд.*

*Аз ин рӯ, таълим дар соҳаи ҳуқуқ бояд аз синфи 4-5 оғоз шавад, то ки ҷавонон бо масъулият ва эътимод ба ҷомеа ворид шаванд.*

*Умарова Саодатхон,*
*номзади илмҳои иқтисодӣ, ДДҲБСТ*



# Кимиё ва Закариё

Кимиё ба хонаи холааш омад, ки бо Закариё якҷоя супоришҳои хонагиро иҷро бикунанд. Духтарак занги дарро пахш кард. Баъд аз чанд лаҳзаи интизорӣ Закариё дарро кушод. Аммо чеҳрааш гирифтаву чашмонаш ғамангез буданд.

-Ба ту чӣ шуд, Закариё? – хавотиромез пурсид Кимиё.

-Ман як кори нодуруст кардам. Модарам маро мекушанд.

-Боз ягон таҷрибаи зараровар гузаронидӣ?

-Китоб безарар гӯён хостам як таҷриба гузаронам.

-Бо китоб ҳам таҷриба гузаронида мешавад? – ба ҳайрат омад Кимиё.

-Ана, инро бин, - якбора чашмонаш дурахшида гуфт Закариё.

Онҳо тозон ба ванна даромаданд. Кимиё дид, ки Закариё дар сатили калон обро пур карда, дар дарунаш китоби ғафсро гузоштааст.

-Ту чӣ кор кардӣ, Закариё?

-Ман хостам фаҳмам, ки китоб шино мекунад ё не?

-Акнун ба холаам чӣ мегӯйӣ?

-Тарси ман ҳам аз ҳамин аст. Дирӯз дар варақҳои китоб хат кашидани маро дида, ҳамин қадар сарзаниш карданд, ки... Як бор ба рӯйи худат хат кашам-чӣ, чӣ хел мешавӣ гӯён қариб ба рӯям бо ручка хат навиштанӣ буданд, ки падарам намонданд. Модарам мегӯянд, ки беэҳтиромӣ нисбат ба китоб гуноҳ аст.

-Модари ман ҳам ҳамин хел мегӯянд. Акнун чӣ кор мекунем? Китобат на танҳо шино накард, балки ҳамаи обро нӯшиду варам кард.

-То омадани модарам ҳоло вақт ҳаст. Биё аввал таҷрибаамонро мегузаронему баъд ягон илоҷашро меёбем.

-Ту ҳамаи корро кардию боз чияш монд? Китоб “ғарқ” шуд. Дигар шино карда наметавонад.

-Ба даруни сатил бозичаҳоро ҳам меандозем. Канӣ бинем-чӣ онҳо ғарқ мешаванд ё не?

Закариё чанд бозичаҳоро ёфта омаду ба даруни сатил андохт. Онҳо дар рӯйи оби сатил чарх мезаданду аммо ба дарун намедаромаданд.

Кимиё бо дастонаш бозичаро зер кард. То он даме, ки дасташ дар бозича буд, он дар зери сатил меистод, аммо ҳамоно, ки дасташро гирифт, бозича боз ба рӯйи об баромад.

-Закариё, чаро ин хел шуд? Китоб дар зери сатилу бозича дар рӯйи об. Сабабаш чӣ бошад?

-Кимиё, агар китоб дар зери об намемонду дар рӯйи об меистод, он тар намешуд? Ё ҷилдаш тар шавад ҳам, дарунаш хушк меистод?

-Инашро ман намедонам. Аз ягон одами калонсол пурсидан даркор.

-Ҳама гап дар ҳамин, ки аз ягон калонсол ҳам пурсида намешавад. Онҳо моро сарзаниш мекунанд, ки чаро китобро нобуд кардем.

Кимиё варақеро гирифту ба даруни сатил партофт. Аҷибаш, ки он варақ низ “ғарқ” нашуду дар рӯйи об шино кард.

-Закариё, варақ ҳам ғарқ нашуд.

-Ин саволҳо бе ҷавоб мемонанд... – афсӯс хӯрд Закариё.

Ҳамин вақт дари хона кушода шуду падари Закариё вориди хона гардид. Зоҳир бачаҳоро дар ванна диду ҳайрон шуд ва аз дил гузаронд. “-Аз афташ ягон таҷриба гузаронидаанд”. Яке ба хотираш омад, ки даъфаи гузашта Закариё “таҷриба мегузаронам” гуфта ҳатто хонаи ҳамсояро ҳам бе насиб намононда буд, ҷонҳавла ба ванна даромад. Охир, кӣ чунин имконият дорад, ки тез-тез хонаи ҳамсояро таъмир карда диҳад.







Бачаҳо аз тарс аз ванна гурехтанд. Зоҳир дид, ки дар даруни сатил бозичаҳо шино мекунанду китоб “ғарқ” шудааст. Тозон китобро аз даруни об гирифту гуфт:

-Ягон сачоқи хушкро биёр!

Закариё ҳаросон аз ҷевон сачоқеро овард. Зоҳир оҳиста китобро ба болои он гузошту печонд.

-Вентиляторро ба кор андоз.

-Ҳаво худаш салқину, падарҷон.

-Барои ман не, китобро хушк мекунем. Агар модарат бинад, вой бар аҳволи ту, ба ин таҷрибагузарониҳоят. Ҳазор бор гуфтам, ки бе мо ягон нағма накун. Не, ҳатман гуфтаи худатро карданат лозим. Кай ту одам  мешуда бошӣ!

-Амакҷон, ин хел нагӯед. Закариё одам набуда, вентилятор-мӣ? – доногӣ кард Кимиё.

-Ҳар дуи шумоён якҷо, ки шудетон, ана ҳамин хел шудан мегирад. Ягон кори дурустатон нест!

Закариё  сарашро хам карду чизе нагуфт. Вай бодкашакро пахш намуд. Зоҳир китобро аз сачоқ ҷудо намуда, наздики он гузошт.

-Падарҷон, як чизро пурсам?

-Пурсиданиӣ, ки чаро китоб “ғарқ” шуду бозича ва ё варақ не?

-Аз куҷо фаҳмидед? – бо тааҷҷуб пурсид Кимиё.

-Аз нигоҳҳои кунҷковонаатон, - хандид Зоҳир.

Кимиё ва Закариё гӯшу ҳуш шуданд, ки Зоҳир ба онҳо чӣ мегӯяд.

-Бачаҳо, агар массаи ашёи шумоён назар ба массаи об сабуктар бошад, он ашё шино мекунад, агар баръакс бошад, ғарқ мешавад.

-Нафаҳмидам, падарҷон.

-Китобе, ки ту ба даруни об гузоштӣ, назар ба обе, ки дар сатил андохтӣ, вазнинтар буд, барои ҳамин он “ғарқ” шуд. Бозичаҳо сабуканд. Барои ҳамин онҳо дар рӯйи об шино карданд.

-Варақ ҳам шино кард-ку, амакҷон?

-Варақ дар алоҳидагӣ сабук аст, барои ҳамин шино кард.

-Акнун фаҳмидам, - қаноатмандона гуфт Закариё.

-Хайрият, ки шумоён китоби ҷилдаш ғафсро гирифтед. Ҷилди он тар шудаасту саҳифаҳояш он қадар ҳам не. Онро хушк кардан мумкин.

-Он китобро хонда мешавад-мӣ, амакҷон?

-Баъд аз хушк карданд, ҳа. Лекин, илтимос, дигар ин хел таҷрибаҳоро бе калонсолон нагузаронед. Ҳам, китоб чизи фоидаовар. Чӣ даркор онро беҳуда нобуд кардан. Агар ҷилди он ғафс намебуд, китоби хуб нобуд мешуд. Барои чопи як китоб чӣ қадар одамон заҳмат мекашанд, ки шумоён онро хонеду чизи хуберо омӯзеду ёд гиред. Ба ҷойи онро ба об тар кардан, мехондед, беҳтар буд.

-Он китоби дӯстдоштаи модарам аст, - узромез гуфт Закариё.- “Шоҳзодаи хурдакак”-и Антуан де Сент-Экзюпериро модарам гаштаю баргашта мехонанд.

-Шумоён ҳам, бачаҳои нағзи ман, ҳар рӯз ақаллан даҳсаҳифагӣ китоб бихонед.

-Агар мо китоб хонем, баъд бо мо таҷрибаҳои нав мегузаронед, падарҷон?

-Албатта.



# БЕШТАР ЛАБЛАБУИ СУРХ ХӮРЕД!



*Лаблабуи сурх як сабзавоти серғизо ва фоиданок буда, дар Тоҷикистон ва бисёр кишварҳои дигар парвариш карда мешавад. Ин растанӣ як қатор хосиятҳои фоиданок барои саломатӣ дорад ва дар ғизо, доруворӣ ва ҳатто косметика истифода мешавад.*

Лаблабу хосияти ҷавонгардонӣ дорад. Зеро кислотаи фолий дар таркиби он барои ташаккули ҳуҷайраҳои нав дар бадани инсон замина фароҳам меорад.

Истифодаи лаблабу барои беморони гирифтори вазни зиёдатӣ ва моил ба ҷамъшавии зиёдатии об (варам) дар баданашон хеле муфид аст.

Лаблабу на танҳо хунро, балки гурда ва ҷигарро низ тоза мекунад.

Ин сабзавот токсинҳои захролудро аз бадан хориҷ мекунад. Аз ин сабаб майна равшан кор мекунад.

Лаблабу аз ҳисоби миқдори зиёди витамини В девори рагҳои хунро мустаҳкам мекунад.

Инчунин, ин сабзавот барои гипертония, атеросклероз ва дигар бемориҳои дилу раг тавсия дода мешавад, зеро он хунро тоза карда рагҳоро васеъ мекунад.



Манбаи табиии витаминҳо ва минералҳо: Лаблабуи сурх дорои витаминҳои гурӯҳи В, витаминҳои С ва К, инчунин, минералҳо ба монанди оҳан, магний, калий ва калтсий мебошад, ки барои мустаҳкам кардани системаи иммунӣ ва нигоҳ доштани саломатии умумӣ муҳиманд.

Лаблабуи сурх миқдори зиёди нитратҳо дорад, ки дар организм ба нитрит табдил ёфта, васеъшавии рагҳои хунро ба вуҷуд меорад. Ин раванди васеъшавӣ фишори хунро паст мекунад ва гардиши хунро беҳтар менамояд.



Лаблабу барои тоза кардани ҷигар кӯмак мекунад. Дар таркиби он моддаи бетонин вуҷуд дорад, ки равандҳои тоза кардани ҷигарро фаъол мекунад ва барои пок нигоҳ доштани организм мусоидат мекунад.

Лаблабуи сурх дорои нахи ғизоӣ мебошад, ки ба кори меъдаю рӯдаҳо мусоидат мекунад ва пешгирии қабзиятро таъмин менамояд.

Лаблабу метавонад дар беҳтар кардани қувваи мушакҳо кӯмак кунад, зеро он ба зиёд шудани истодагарии бадан ҳангоми фаъолияти ҷисмонӣ мусоидат менамояд.





## Истифодаи лаблабу дар ғизо:

Аз лаблабуи сурх хӯрокҳои гуногун, ба монанди карамшӯрбо, салатҳо ва афшураҳои фоиданок тайёр мекунанд. Он ҳамчунин метавонад дар шакли пухта ё хом, дар якҷоягӣ бо сабзавотҳои дигар истеъмол шавад.

Маслиҳатҳо оид ба нигоҳдории лаблабу:

Лаблабуи сурхро дар ҷойи хунук ва торик нигоҳ доред, то тару тозагии худро нигоҳ дорад.

Пеш аз пухтупаз онро намакин накунед, зеро намак метавонад ранг ва нармии онро тағйир диҳад.

Лаблабуи сурх на танҳо хӯроки серғизо аст, балки барои беҳтар намудани саломатии умумии инсон низ аҳамияти калон дорад.

# КАЛОНТАР ДИДАНИ АШЁ



***Оё боре дар бораи сабаби аз ҳаҷми аслӣ калон дидани ашё бо шишаҳои калоннишондиҳанда фикр кардаед? Мо бароятон дар хусуси ба ҳайси шишаҳои калоннишондиҳанда истифода бурдани зарфҳои шишагии моҳинигоҳдорӣ (аквариум) ва таҷрибаҳои ҷамъу парешон кардани нуру рӯшанӣ маълумот медиҳем.***

*Нур аз рӯи ашёҳои зиёд ё муҳит, аз ҷумла, об, шиша, ҳаво ё холигоҳҳо (вакуум) убур мекунад. Суръати ҳаракати нур дар ҳар муҳит гуногун аст. Суръати нур бештар дар холигоҳҳо тезтар аст ва ҳангоми дар муҳити дигар, масалан, дар ҳаво, оҳистатар мегардад. Тағйироти суръати нур инчунин, самти ҳаракати онро дигар месозад.*

**Тағйироти самти ҳаракати нурро рефраксия меноманд. Ин ҳодиса вақте рух медиҳад, ки нур сарҳади байни моддаи ба ҳам мухталифро убур созад, масалан, шишаву ҳавои дар кунҷбуда. Олимон қисми пеши шуои нурро фронт (қисмати)-и мавҷӣ меноманд. Онро метавон дар меҳвари чархи мошин муқоиса кард. Тасаввур кунед, ки қисмати мавҷдор гӯё аз ҳаво ба тарафи шишаи тиреза медавад. Агар шуои рӯшанӣ нисбат ба шиша дар кунҷ бошад, як самти мавҷдор, фарз кардем чархи чап ба шиша пештар аз дигараш бармехурад. Дар ин сурат суръати тарафи чапи қисмати мавҷдор назар ба тарафи рост пештар тағйир меёбад. Агар муқоисаи чархҳоро идома диҳем, чархи тарафи чап дар ҳолати бо ҳамон суръат ҳаракат кардани чархи рост суст мешавад ва дар ин сурат мувофиқан меҳвар ба тарафи чап гардиш мекунад. Вақте ки кунҷи рости қисмати мавҷдор ба шиша бармехурад, суръати вай бо қисмати дигари шуои рӯшанӣ баробар мешавад ва нур дигар дар қисмати мавҷдор зеру рӯ нашуда, дар дигар самт ҳаракат мекунад. Бо ин ҳодисаи шикасти рӯшанӣ рух медиҳад.**



**Линзаҳо ин ашёи мусаффои дорои сатҳи доирашакл мебошанд. Ба шарофати ҳамин шакли худ онҳо рӯшаниро шикаст медиҳанд. Мо линзаро барои эъҷози нур дар расми ҳаҷман аз асл фарққунанда истифода мебарем.**

**Инчунон бо ҳамин роҳ низ метавон бо ёрии телескоп ашёҳои хеле дури оламро мушоҳида кард. Ба ин васила линзаҳо дар микроскоп ашёҳои аслан хурду мушоҳиданашавандаро ба назар калон нишон медиҳанд. Сатҳи линза ба ҳар тараф хам карда шудааст. Аз ин рӯ, нур ҳангоми ба он бархӯрдан ба як тараф шикаста мешавад ва ҳангоми берун шудан бошад, ба тарафи муқобил хам мешавад.**

**Дар микроскоп линзаҳои ҳазор маротиба зиёд калоннишондиҳанда истифода мешаванд. Ин ба олимон имкони омӯзиши микроорганизмҳо ва дигар мавҷудотҳоро, ки бо чашми муқаррарӣ дидани онҳо имконнопазир аст, фароҳам меорад.**

***МОҲИИ КАЛОН***

*Нур бо убур аз байни ҳавову оина ё об мешиканад. Шакли муварраб ё каҷшудаи зарфи моҳинигаҳдории доирашакл ҳаҷми ашё ё моҳиро калонтар намуда, нурро бештар дар шакли худ шикаставу каҷ мекунад. Шояд дар ин акс моҳичаи аслан хурду дорои ҷойи васеъ барои шино кардан, моҳии калони тиллоӣ ба назари гурба намоён гардад.*



*Фосилаи ба назар эъҷозкоронаи линза аз каҷшавӣ ва маводи сохташудаи он вобаста аст. Линзаҳои нимдоираву қавсшакл баръакс ҷойи марказии тунук нисбат ба гӯшаҳояшон доранд ва онҳо фосилаи эъҷозкоронаи манфӣ доранд. Ин гуна линзаҳо нурро ҷамъ намекунанд, балки онҳоро пош медиҳанд. Аз ин рӯ, линзаҳои нимдоираи амиқ ашёҳоро на калонҳаҷм балки хурд нишон медиҳанд.*



## ЗАРФИ ШИШАГИИ МОҲИНИГАҲДОРӢ-ЛИНЗА

**1. Бо линзаи обӣ нақши ягон ашёро тасвир кунед.**

**2. Тарзи кори линзаро омӯзед.**

## АШЁИ ЛОЗИМА:

**1. Заррфи шишагии хурди доирашакл;**
**2. Об;**
**3. Шамъ;**
